ЗАБОНИ ТОҶИКӢ طاجيكية

# 3 Ақсоми тавҳид

Аллоҳ (азза ва ҷалла)-ро ба он чизе ки аз хусусиятҳои Ӯст, аз парвардигорӣ, улуҳият ва исмҳо ва сифатҳо ягона бидонем.

Ва анвоъи тавҳид сето аст

### Тавҳиди исмҳо ва сифатҳо

Он ягона донистани Аллоҳ азза ва ҷалла дар номҳое, ки худро дар китобаш ё ба за-бони расулаш ﷺ ба он номи-да аст ва худашро ба он васф кардааст, ба ин сурат, ки ҳар чи барои худ исбот кардааст, исбот кунем ва ҳар чиро, ки аз худ нафй кардааст, нафй кунем, бе он ки онҳоро тах-риф кунем ва ё маънояшонро бекор кунем ва бе ин ки ба-рои онҳо кайфият тасаввур кунем ва бе монанд кардан.

### Тавҳиди улуҳият

Он эътиқод ба якто будани Аллоҳ дар ибодат ва ё дар амалҳои бандагон аст.

### Тавҳиди Рубубият

Аллоҳ азза ва ҷалларо дар афъолаш ягона донем ва ё Аллоҳ азза ва ҷалларо дар офаридан, мулк ва идора кардан, ягона бидонем.

# Дин се мартаба дорад

### Эҳсон

Аллоҳ азза ва ҷалларо онгуна бипарастӣ, ки гӯё Ӯро мебинӣ, агар ту Ӯро набинӣ, ҳамоно Ӯ туро мебинад.

**Эҳсон як асос дорад ва зери он ду мартаба аст.**

1-Ибодати мушоҳада, Аллоҳро бипарастӣ, гӯё, ки Ӯро мебинӣ.
2-Ибодати муроқабат, агар ту Ӯро набинӣ, пас Ӯ туро мебинад.

### Имон

Он ба забон гуфтан ва ба қалб эътиқод кардан ва бо аъзои бадан амал кардан аст, зиёд ва кам мешавад.

**Асосҳои имон** 6

1-Имон ба Аллоҳ
2-Ва малоикаҳо
3-Ва китобҳо
4-Ва расулон
5-Ва рӯзи охират
6-Ва ба тақдири хайр ва шар имон доштан.

### Ислом

Он таслим шудан барои Ал-лоҳ азза ва ҷалла ба тавҳид ва фармонбардорӣ аз Ӯ бо тоаташ ва аз ширк ва муш-рикон безорӣ ҷустан аст.

**Асосҳои Ислом** 5

1-Ду шаҳодат.
2-Барпо кардани намоз.
3-Пардохтани закот.
4-Рӯзаи Рамазон.
5-Ҳаҷҷи Хона ба касе, ки тавони онро дорад.

# 4 Ақсоми ҳаромҳо

### Гуноҳони хурд

(Гуноҳони хурд ғайри кабира аст) гуноҳони кабира ба тала-би мағфират кардан тоза ме-шавад ва гуноҳони хурд ба сабаби идома додан кабира мешавад. Паёмбар ﷺ фар-муд: **(Аз хурд шумурдани гуноҳон парҳез кунед, зеро ки онҳо бар шахс ҷамъ ме-шаванд ва ӯро ҳалок меку-нанд).**

### Гуноҳони кабира

(Ҳар чизе ки бар он уқубати хос ҷорӣ шавад) монанди сеҳр ва беэҳтиромӣ ба пада-ру модар, рибо, зино, ливо-та, дурӯғгӯӣ, нӯшидани арақ, дуздӣ, ғайбат, кушта-ни нафсе ки Аллоҳ онро ҳаром карда, магар ки ба ҳақ кушта шавад ва хӯрда-ни моли ятим.

### Ширки асғар

(Аз дин хориҷ намекунад, аз гуноҳони кабира бузургтар аст) монанди гуфтани он чиро Аллоҳ хост ва ту хостӣ, ба ғайри Аллоҳ савганд хӯрдан, андаки риё, тумор-ҳои ширкӣ, ба паранда фо-лӣ бад задан, овехтани каф ва муҳра ва монанди ин бар ин ки инҳо сабаби ҳифз кардан ё дур кардани чашм аст.

### Ширки акбар

(Аз дин хориҷ мекунад, агар бар ширк бимирад, бахши-да намешавад) барои Аллоҳ шарик қарор медиҳад, ӯро дуъо мекунад, ҳамонгуна ки Аллоҳро дуъо мекунад ё аз вай метарсад ё умед мекунад ё дӯст медорад, монанди дӯст доштани Аллоҳ ё барои вай навъе аз анвоъи ибодатро сарф мекунад.